«Тасдиқ мекунам»
директори Институти забон ва
адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ
Рӯдакии АМИТ
_____________ д.и.ф. Шарифзода Ф. Х.
« 16 » ___ феврали ___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
## Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 - Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Эҳсон Хуршед Рӯзибой соли 2015 факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айниро бо дараҷаи бакалавр аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, тибқи роҳхат ва бурсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 дараҷаи магистри донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Теҳронро бо ихтисоси забон ва адабиёти форсӣ тамом кардааст. Аз соли соли 2019 дар Институти забон ва адабиёти тоҷики ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба ҳайси унвонҷӯ ба корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Муҳаммадиев Шамсиддин мебошад.

Мавзуи кори диссертатсионӣ бар асоси маводди назарию адабӣ бо дар назар гирифтани тоза ва таҳқиқнашуда будани масъала дар шакли “Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” мушаххас шуда, бо бознигарӣ ва баррасиҳои ходимони илмӣ дар Шурои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ (суратҷаласаи №3 аз 05.04.2019) тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни “Забони англисӣ” дар таърихи 13.06.2025 бо баҳои «хуб», “Таърих ва фалсафаи илм” дар таърихи 27.11.2025 баҳои «аъло» ва имтиҳон аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабиро дар таърихи 12.12.2025 бо баҳои «аъло» супоридааст. Дар ин замина Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба унвонҷӯ Шаҳодатномаи №1352-ро дар таърихи 24.12.2025 додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Мавзуи кори таҳқиқии Эҳсон Хуршед Рӯзибой мубрам буда, дар он омӯзиши падидаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз нигоҳи пешина ва ҷойгоҳи он дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ, шинохти истилоҳӣ, вижагиҳои сохторию балоғӣ, анвоъу ақсом, мазмунҳои меҳварӣ ва аҳаммияти сабксозии онҳо дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Осори Мирзо Абдулқодири Бедил бо падид омадани назарияҳои тозаи адабӣ аз зовия ва нигаришҳои гуногун дар адабиётшиносии тоҷик ва ҳамзабонон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор мегирад. Аз як тараф, осор ва ашъори шоири мазкур барои навиштани чандин диссертатсия мавод медиҳад ва, аз тарафи дигар, бо нигаришҳои мутафовити муҳаққиқон ҳамеша тозагию ноомӯхта мондани паҳлуе аз осори ӯ аён мегардад. Осори Бедил чи аз манзари ҳунар ва чи аз назари маъно паҳлуҳои гуногун ва гӯё беинтиҳо дорад, ки бо вуҷуди рӯйхати чандинсаҳифагии таҳқиқоти анҷомшуда дар бораи осору афкори ӯ, ҳамчунон ба назар мерасад, ки мероси ӯ ба таври шоиста ва лозим омӯхта нашудааст.

Санъатҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ низ аз падидаҳои нисбатан нав дар адабиётшиносии тоҷик ва ҳамзабонон аст, ки бар асоси таҳқиқи диссертант Эҳсон Ҳуршед Рӯзибой дар осори Абдулқодири Бедил, бахусус дар ғазалиёти ӯ, дараҷаи истифодаи хеле зиёд доранд. Ҳарчанд дар мавриди падидаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз нигоҳи назарияи адабиёт ба моҳият ва таърифҳои гуногуни онҳо ба таври иҷмолӣ пардохта шуда, ҷойгоҳи ин ду падида, аз ҷумла ҳиссомезӣ дар осори Ҳофизи Шерозӣ, Ваҳшии Бофқӣ, Шӯридаи Шерозӣ, Парвини Эътисомӣ, Маҳдӣ Ахавони Солис, Насруллоҳи Мардонӣ, Қаҳҳори Осӣ, Шафеии Кадканӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ашъори

Аттори Нишопӯрӣ, Саноии Ғазнавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Соиби Табрезӣ, Ҳусайни Мунзавӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Озарахш ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо таҳқиқоти муфассал ва ҷудогонае доир ба санъатҳои мазкур ва ҷойгоҳи онҳо чи дар ғазалиёт ва чи дар осори дигари Абдулқодири Бедил дар адабиётшиносии тоҷик ва ҳамзабонон дида намешавад.

Бинобар ин, то ҳол баррасии шинохти падидаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз нигоҳи балоғат ва назарияи адабиёт дар қолаби таҳқиқоти диссертатсионӣ иқдоми шоёни таҳсин аст. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқии Эҳсон Хуршед Рӯзибой **аҳаммияти вижаи илмӣ** дорад.

Мавзуи диссертатсия ба доираи масъалаҳои таҳқиқии банди 7-уми “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, ки ба баррасии адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI–XIX, аҳволу осори намояндагони он, инкишофи жанрҳо, сабкҳо ва равияҳои адабию эҷодии ин давра ихтисос дорад, **комилан мувофиқат мекунад.**

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», махсусан, ба бандҳои 11 ва 12-и он, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2025, тахти №114 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.**

**Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ** баррасии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ ҳамчун ду санъати нави бадеӣ дар балоғати муосир, шинохти истилоҳӣ ва луғавӣ, ҷойгоҳи онҳо дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ ва махсусан, дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил, сохтор, вижагӣ ва анвои онҳо, нақши сабксозии онҳо дар ғазалиёти шоир, мақоми онҳо дар нозукхаёлию маъниофаринии коргоҳи тахайюли шоир ва вижагии корбурди онҳо дар шеъри Бедил мебошад..

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** асосан аз ду чопи комили ғазалиёти шоир истифода шудааст. Ин ду чоп: 1) “Девони Бедили Деҳлавӣ” тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд дар ду ҷилд ва 2) “Куллиёти Бедили Деҳлавӣ” ба кӯшиши Баҳман Халифа Баноравонӣ дар як ҷилду ду бахш мебошанд, ки ҳар ду чоп бар асоси нусхаи Халилуллоҳи Халилӣ ва Холмуҳаммади Хаста (чопи Кобул) интишор ёфтааст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** диссертатсияро дастоварду осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Муҳаммадтақии Баҳор, Шафеии Кадканӣ, Сируси Шамисо, Ҳасани Ҳусайнӣ, Ковуси Ҳасанлӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Муҳаммадкозими Козимӣ, Борис Эйхенбаум, Виктор Шкловский, Роман Якобсон, Юрий Тинянов, Юрий Лотман, Татяна Никитина, Садриддин Айнӣ, Абдунабӣ Сатторзода, Бобобек Раҳимӣ, Шодимуҳаммад Суфизода, Нуралии Нурзод, Умриддин Юсуфӣ, Бахтиёри Ҳамдам ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин кори таҳқиқии мукаммал доир ба ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ ва ҷойгоҳи барҷастаи онҳо дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад. Баррасии муфассали санъатҳои бадеии нисбатан навшинохтае ҳамчун ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик то имрӯз собиқаи чандоне надоштааст. Нахуст, санъатҳои бадеии мазкур аз нигоҳи истилоҳ ва луғат шарҳу тавзеҳ ёфта, таърифҳои назарияпардозон доир ба ин ду падида баррасӣ гардидааст. Сипас, ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил аз назари сохтори балоғию сабкӣ, маъноӣ, навъу шаклҳо ва далелҳои сабксозии онҳо дар ашъори шоири зикршуда таҳқиқи илмӣ шудааст.

Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмӣ дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки кори таҳқиқии мазкур ва натиҷаҳои он дар вусъат ёфтани таҳқиқоти илмӣ дар робита ба мавзуъҳои балоғат ва бадеъ, шинохту омӯзиши падидаҳои мухталифи адабӣ дар осори манзуму мансури адабиёти классикӣ, таҳқиқи вижагиҳои сабки ҳиндӣ ва баррасии паҳлуҳои дигари осору ашъори намояндаи барҷастаи ин давра Мирзо Абдулқодири Бедил муфид хоҳад буд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии бар асоси таҳқиқ бадастомадаро метавон дар дарсҳои донишгоҳии назарияи адабиёт, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, сабкшиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода, ҳамчунин, ҳангоми навиштани китобҳои таълимии таърихи адабиёт, давраҳои адабӣ, мадхалҳои донишномаӣ, фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ, назарияи адабии шеър ва зиндагию осори Абдулқодири Бедил ба таври васеъ ба кор бурд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар 9 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда интишорёфта ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферотро инъикос менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Исанов, Х. (Эҳсон, Х.). Арзиши адабӣ ва зебоишинохтии мутаноқизнамоӣ (парадокс) [Матн] / Х. Исанов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №5 (94). – С. 177-179.

[2-М]. Эҳсон, Х. Р. Шинохти истилоҳи ҳиссомезӣ [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №3 (59). – С. 376-380.

[3-М]. Эҳсон, Х. Р. Пешинаи пажуҳиши ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №4 (117). – С. 209-214.

[4-М]. Муҳаммадиев, Ш., Эҳсон, Х.Р. Ҷойгоҳи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ [Матн] / Ш. Муҳаммадиев, Х.Р. Эҳсон // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2025. – №4 (53). – С. 150-160.

[5-М]. Эҳсон, Х. Р. Вижагиҳои корбурди мутаноқизнамоӣ (парадокс) дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №4 (60). – С. 402-407.

[6-М]. Эҳсон, Х.Р. Шинохти истилоҳи мутаноқизнамоӣ [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №5 (118). – С. 238-242.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Эҳсон, Х.Р. Мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Олами бекаронаи Мавлоно (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-адабии “Нақши Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар ташаккули фарҳанги ҷаҳонӣ” бахшида ба Рӯзи бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, шаҳри Кӯлоб, 27.09.2025). – Душанбе, 2025. – С. 43-58.

[8-М]. Эҳсон, Х.Р. Ҳиссомезӣ дар ашъори Бедил ва Гулназар [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Гулназар Келдӣ ва равандҳои инкишофи адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол (Маводди конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии “Гулназар Келдӣ ва равандҳои инкишофи адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол”. Душанбе, 21-уми ноябри 2025). – Душанбе, 2025. – С. 52-67.

[9-М]. Эҳсон, Х.Р. Мутаноқизнамоӣ (парадокс) дар ашъори Ҳофиз ва Бедил [Матн] / Х.Р. Эҳсон // Паёми ҷовидонаи Ҳофиз (Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ “Паёми ҷовидонаи Ҳофиз”, бахшида ба 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ (Душанбе, 25-уми декабри 2025). Душанбе, 2025. – С. 202-211.

**Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳишҳои мушобеҳ дар мавриди санъатҳои лафзӣ ва маънавии бадеӣ, ҷойгоҳ ва аҳаммияти онҳо дар осори шоирони ҷудогона, баррасиҳои сабкшиносонаи давраҳо, аз ҷумла давраи сабки ҳиндӣ ва намояндаҳои барҷастаи сабкҳои гуногун ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи фаҳму дарки масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кори таҳқиқӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва бо истиқлоли фикрӣ ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи пажуҳиш тасдиқ мекунанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллиф дар таҳлилу баррасии санъатҳои мавриди таҳқиқ дар байтҳо ва ғазалиёти ҷудогонаи Абдулқодири Бедил, маъруза дар конференсияҳои сатҳи гуногун ва нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшвандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст.

Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рисоларо муҳокима карда, ба хулосаи зерин омад:

1. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, ҳафт зерфасл, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, муҳтаво ва таркиби кор ба мақсаду мароми таҳқиқ мувофиқ аст.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян карда шудааст, ки падидаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ ҳарчанд аз нигоҳи истилоҳи илмӣ фақат дар охири асри гузашта ба муомилоти илмӣ ворид шудааст, аммо намунаҳои он дар ашъори шоирони давраҳои гуногуни шеъри классикии форсии тоҷикӣ дида мешавад.

3. Муайян карда шудааст, ки ҳар ду санъати бадеиро ба далели доштани шохисаҳои лозиим барои санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла а) нақши махсус дар тақвияти бадеияти калом; б) ороиши зоҳиру ботини сухан; в) хаёлангезию лаззатбахшӣ; г) василаи баёни шигифтангез будан; ва ғ) доштани латофату зарофати хосси худ, метавон ба санъатҳои маънавии бадеъ маҳсуб донист.

4. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардидааст, ки ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ҷойгоҳи барҷаста дошта, басомади истифодаи он зиёд аст ва ин далели аҳаммияти сабксозӣ доштани ин ду падида дар ашъори шоир мебошад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ бо иштироки ходимони илмии шуъбаи номбурда қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласаи №2-ум аз 12-уми феврали соли 2026.

**Раиси ҷаласа:**
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии
АМИТ, доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У. А.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
ходими калони илмии шуъбаи таърихи
адабиёти Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Иззатзода З.

Имзоҳои Юсуфов У. А. ва
Иззатзода З.-ро «тасдиқ мекунам»:
Сардори кадрҳо ва корҳои
махсуси Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ Давлатов Ф.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 21.
Тел.: 2272907.
E-mail: iza.rudaki.@gmail.com